

## Меваи истиқлол

Дар вилояти Ҷиззах, минҷумла ноҳияи Зомин низ дар солҳои истиқлолият дигаргуниҳои куллӣ рух дод. Аз он ҷумла, барои рушди соҳаи таълиму тарбия низ пайваста ғамхорӣ зоҳир мекунанду биноҳои замонавии дорои асбобу ускунаҳои навтарин ба истифода супурда мешаванд.

Бинои коллеҷи тиббиёт аз ҷумлаи объектҳои истиқлол буда, соли гузашта дари худро ба муҳассилин боз намуд. Дар ин ҷо 650 нафар ҳамшираи шафқат ва фелдшерро тайёр кардан мумкин аст. Дорои хобгоҳи 150 кат мебошад. Барои таълиму истироҳат ба талабагон кулли шароит фароҳам оварда шудааст. Лабораторияҳои кимё, биология, физика, фармакология арзи амал мекунанду аз рӯи барномаи махсус машғулиятҳо ба амал меоянд.

Соли ҷорӣ дар пойгоҳи тест 250 нафар ҷавонписару духтарон қабул гардид ва ҳамагон умедвор ҳастанд, ки кадрҳои тайёркардаи коллеҷи мазкур дар бобати минбаъда амалӣ гардондани марҳалаи навбатии ислоҳот дар соҳа саҳми худро мегузоранд.

**Дар сурат:** ҳангоми машғулият дар синфхонаи компутерии коллеҷ.

**Матн ва сурати И.ТӮРАЕВ (ЎзА).**

# Турфа олам

### Рустаниҳо магар фикр мекунанд?

Академики Донишгоҳи Эдинбург Тони Трувас ғояи рустаниҳо қобилияти дорои идрок буданашро пеш мегузорад. Ба фикри академик рустаниҳо чун ҳайвонот ба қобилияти идрокӣ соҳиб буда, дар айни замон он ҳодисаву воқеаҳоеро, ки дар табиат рух медиҳанд, хуб дар ёд медоранд. Алалхусус қобилияти онҳо дар бобати пешакӣ дарк кардани ҳар гуна ҳодисаҳои табиӣ, дар хотир доштани воқеаҳои салбие, ки дар гузашта рух додаанд, хеле баланд аст.

Трувас нодурустии фикрро дар бобати ба туфайли инстинкт «ҳаракат» кардани рустаниҳо баён карда, 99 фоизи олами сабз аз рустаниҳо иборат буданашу онҳо аз дигар мавҷудот ба ин олам беҳтару бештар мос гардиданашро алоҳида ба забон гирифтааст ту аз ҳамин сабаб қобилияти фикркунии онҳо хеле воло буданашро номбар кардааст.

Ба фикри вай маълумотҳо, фикрҳониҳо бештар ба рустаниҳои ёбоӣ дахлдор аст.

### Сӯхторхомӯшкуни панҷсола

Эшли Патерсони панҷсола аз шаҳри Сарастаи иёлати Флоридаи ИМА сӯхторхомӯшкунандагонро дар ҳайрат гузошт. Ба қарибӣ дар гаражи мошини Патерсонҳо сӯхтор ба амал омада, оташ ба хона гузашт. Падару модари Эшли худро гум карда, чӣ кор карданашонро намедонистанд. Дар чунин шароит духтарбачаи панҷсола қоидаҳои дар боғчаи бачагон ёдгирифтаашро оиди сӯхторхомӯшкунӣ ба ёд оварда, падару модарро ба иҷрои корҳои аввалиндараҷа маҷбур намудааст. Оқибат пеши офат гирифта, талафот кам гардида, аз он ягон кас зарар надидааст.

### Марги бабри аз ҳама куҳансол

Ба ҳамагон маълум аст, ки дар боғи ҳайвоноти иёлати Мадхя-Прадеши Ҳиндустон бабре зиндагӣ мекард, ки дар саросари ҷаҳон аз ҳама ҳамҷинсонаш куҳансол ба ҳисоб мерафт. Онро бо навозиш Майкл номида буданд.

Ба фикри ветеринари шифокори боғи ҳайвонот Анил Шарман бабрҳо одатан 18-20 сол умр мебинанд. Майкл аввалин бабре мебошад, ки дар даруни қафас, яъне ҳаёти ғайриозод 25 сол умр дидааст. Ва Майклро бо иззату икром ба хок супурданд, ки одати ғайриоддӣ ба ҳисоб меравад.

### Ҳалқаи аз ҳама калон

Ҳукуматдорони шаҳри Шанхайи Чин аз хусусияти худ дар бобати сохтани ҳалқаи аз ҳама калони тавзеҳотии ҷаҳон хабардор карданд. Баландии ин ҳалқа 200 метр буда, дар Шанхай соли 2005 гузошта мешавад.

Ҳоли ҳозир ҳалқаи аз ҳама калони тавзеҳотӣ «Чашми Лондон» ба ҳисоб меравад, ки баландиаш 135 метр аст. Чанде пеш бошад, меъморони амрикоӣ ба сохтани чунин ҳалқа, ки 170 метр баландӣ дорад, дар Лас-Вегас шурӯъ намуданд. Онҳо гумонбар шуда буданд, ки он аз ҳама баландтарин дар ҷаҳон мегардад. Аммо чиниён орзуи онҳоро барбод доданд. Шояд амрикоиён ҳам орзуи чиниёнро дар бобати соҳиби ҳалқаи аз ҳама калони ҷаҳон гардидан барбод диҳанд.

### Шин ва назорат кун

Ситодҳои гумруки Британиё бо чорпойҳое таъмин карда шудаанд, ки бӯи моддаҳои нашъамандиро ҳис намуда, бо ишораи сар ҷиноятҳоронро муайян месозанд.

Сагҳои мазкури зотӣ дар ситодҳои равуои майдони ҳавоӣ, вокзал, терминал ва бандари баҳрӣ кор мекунанд. Онҳо ак-ак намекунанд, ба ононе, ки моддаҳои нашъамандӣ меоваранд, «ҳуҷум» ҳам наоваранд.

Сагҳо одатан ҳангоми муоинаи бори роҳгузар дар назди шахси шубҳаовар рост меистанд, Яъне дар назди мизоҷ рост истода, ӯро назорат мекунанд. Ба ибораи дигар гӯем, чашмони сагону роҳгузарон бо ҳам меҳӯранд. Одатан, ин чашмбархӯрдиҳо ба фоидаи «дӯсти инсон» анҷом меёбад.

Сагони мазкур танҳо фармони «шин ва муоина кун»-ро ба ҷо меоваранд. Сагҳо баробари дарёфти моддаи нашъаовар ва ё дигар маҳсулоти зараррасон дар назди он рост меистанд ва ҳамин ки кормандони соҳа ба назорат шурӯъ карданд, худро ба канор гирифта, маҳсули хизматашонро муоина менамоянд.

### Аз якумӣ монданӣ нест

Актёри машҳур Майкл Дуглас, ки бо офаридани чандин образҳои хотирнишин машҳур мебошад, ба дӯстдорони кино аз ҳаёти шахсиаш нақл карда ҳамаро дар ҳайрат мегузорад. Чунки ҳаёти шахсии вай пур аз азобу уқубат буданашро пай бурдан душвор нест.

Майкл барои худ ҳамсари навро бо номи Кэтрин интихоб кардааст. Дар ин бобат онҳо байни ҳам шартнома ҳам бастаанд, ки яке аз банди вайро Майкл намепазирад. Чунки Кэтрин аз актёри бодавлат барои ҳар соли ҳаёти муштаракашон 4,5 миллион доллар талаб кардааст. Майкл ин рафтори ҳамсарашро, ки ҳарчанд аз ҳамсари якумаш монданӣ надорад, маризӣ барои занони Аврупо меҳисобад. Чунки аксари онҳо аз ҳисоби ҳамсари бадавлат зиндагӣ карданро орзуи ягонаи худ мепиндорад.

Майкл аз ҳамсари аввалини худ ба ивази додани 60 миллион доллар ҷудо гардида, ба аризаи ҷудошавӣ имзо гузошта буд.

Майкл азоби худро пинҳон мекунад ва ҳар бор, ки бо паёмнигорон рӯ ба рӯ гардид, ин дарди кӯҳнаи худро ошкор месозад, ки бесабаб нест. Чунки паёмнигорон аз паи хабарҳои шаҳрошӯб гардида, баъзан дар ҳаққи актёри машҳур чунон гапҳои бофтаву сохта мегӯянд, ки баробари хондани онҳо ба маҳорати журналистон ба ғайр аз аҳсант гуфтан дигар чизро муносиб намедонӣ. Судбозӣ ҳам фоида надорад. Чунки кормандони суд ҳам сарватманд будани актёрро ба назар гирифта, мудом ӯро мағлуб медонанд ва аз ин ҳисоб ба фоидаи давлату худ маблағи зиёдеро меситонанд.

Майкл дардҳои кӯҳнаи худро ифшо сохта, бо ҳамин зиндагии акнун оғозкардаи худро бо Кэтрини соҳибҷамол ба заҳри зақум табдил доданӣ нест.

### Дӯзандаи моҳир

Алфред Элерти варшавагӣ нони худро аз паси илми математика хӯрда аст. То ба нафақа баромадан ба тайёр кардани чандин математикҳои ҷавони болаёқат сару кордор шудааст. Вале ҳамин, ки ба нафақа баромад, истеъдоди дуюми худро, ки сарват мебахшад, истифода мебарад. Яъне дӯзандагӣ мекунад. Аҷибаш ҳамин аст, ки ӯ то ҳол ҳарчанд ба фаъолият ду сол муқаддам шурӯъ карда бошад ҳам, ягон маротиба қаду басти мизоҷашро чен накардааст. Танҳо даҳонӣ чанд килограмм вазн доштан, дарозии қаду китфу дастони мизоҷро мепурсаду либосро медӯзад. Ва маълумотҳои мазкурро гоҳо тавассути телефон ҳам мегирад.

Мизоҷон аз кори вай хурсанд. Зеро дӯхтаи ӯ ҳамеша ба қадду басташон мос меояду то ҳол сирри он дар чӣ буданашро намедонанд.

✵ Ахлоқ ✵

# Баъди хиёнат

Мошини Давронбек ба шаст медавид. Резаборони баҳорӣ ҳанӯз қатъ наёфта буд. Ҷо-ҷо кӯлмакчаҳои об пайдо мешуданд ва Давронбек бо мақсади убур аз онҳо фармонро гоҳ ба росту гоҳ ба чап тофта, ғарқи хаёлҳои мағшуш пеш мерафт. Гӯшаки радиоро тофт. Овози баланди онро гӯё намешунид. Дарахту боғоти атрофи роҳ бо як мижжа задан пушти сар мешуданд. Вай ба роҳи мумфарши калон баромад. Акнун суръати мошин боз ҳам баланду тезтар гардид. Магар Давронбек аслан мошинро тез меронад? На, ӯро андешаҳои машғуш аз худ бе худ карда буданд. Вай ба манзил тез расидан мехост. То ки модари азизашро аз рафтору кирдори келинаш огоҳ намояд. Бо як даст рулро медошт, бо дасти дигар пайваста сигор мекашид. Ниҳоят, борон ҳам монд. Ин дам саманди вай гӯё ҷилавашро гум кард. Давронбек дигар мошинро идора карда натавонист. Худро аз банди андешаҳои машъум раҳо намуда, хост ҷилави мошинро ба даст бигирад. Аммо, мутаассифона, аллакай кор аз кор гузашта буд. Мошин панҷ-шаш ғел заду ба самти рости роҳ парида, ба наҳрчаи хурди обгузар бархӯрд. Оҳи ҷонсӯзи Давронбек гӯё ба фалак печиду баъди як нафас абадулабад нафасаш ба дарун афтид.

✦✦✦✦✦✦✦

Давронбек Нигинаро дӯст намедошт. Вале гапи падарашро рад карда натавонист. Зеро вай мехост, ки келиншаванда бештар эҳтироми волидайнашро ба ҷо биёварад. Болокорӣ, модараш зуд-зуд «писарам, калон шудӣ, акнун саратро ҷуфт» кунем. Ман ҳам орзую ҳаваси келинфарорӣ дорам мегуфт.

Хуллас, вай ба хонадоршавӣ розигӣ дод. Тӯй карданд. Давронбек чаҳор сол лому мим нагуфта, бо Нигина зиндагӣ кард, дар ин фурсат онҳо соҳиби ду фарзанд шуданд. Калонӣ писар—Комрон, дуввумӣ духтар—Оқила.Баъзан Давронбек худ ба худ мегуфт:«Изҳори ишқ накарда, зиндагии ободу зебо ба сар бурдан мумкин будааст-ку?!». Не ин ҳукми ӯ дертар ботил баромад. Чашм расид ба оилаи вай. Ё ки иродаи завҷааш сустӣ кард?!

Аз бози ба шаҳр кӯч бастан вай аз осоиштагии оилааш, аз хандаву бозии фарзандонаш ҳамеша меболид ва ба дӯстон бо ғурур ҳикоят мекард.

Як ҳафта пеш, вақте ки завҷааш боз бо як мардак дар телефон қариб ним соат ҳарф зад, дили вай торикистон шуд аз ғояти рашк. Ва ӯ тоқат карда натавониста ба завҷааш рӯ оварда:

—Нигинаҷон, чанд бор гуфтам. Ба оташи рашки ман равған напош. Ман дар мегираму…

—Шумо ба гапҳои майда-чуйдаи ман эътибор надиҳед,—пешхезӣ кард Нигина гапи шавҳарашро бурида. — Мардум чӣ намегӯяд. Ман бо ҳеҷ кас чашми ману чашмаки ту накардаам. Ба ман сари сиҳати шумо ва ду кӯдаки дӯстрӯякам даркор! Дигар ҳеҷ чиз намехоҳам. Чаро шумо вақтҳои охир ба ман бовар намекардагӣ шудаед?

Давронбек дид, ки суханони вай ба завҷааш асар намекунанд, хомӯширо авло донист. Чанд муддат азоби рӯҳӣ кашид. Сухани модаркалонашро ба ёд овард:«ду нафар вақте аз қайди никоҳ гузаштанд, аз ҳамон рӯз ба ҳамдигар ҳаққу ҳалоланд. Агар яке ба амали бад қадам гузорад, дуввӯмӣ ҳатман эҳсос мекунад. Зеро Оллоҳи таоло эҳсосоти ин ҷуфтро гӯё дар як нишон ҷой медодааст».

Давронбек боз ба дарёи андеша ғӯта мезад. Охир, Нигина ҳар субҳ нонуштаро тайёр мекунад. Либосҳои кории вайро омодаи пӯшидан месозад. Пойафзолашро пок мекунад. Сипас, бо табассуми сохтаю «ширинзабонӣ» «нағз равед» мегӯяд. Ҳамин ки аз кор монда шуда меояд, ӯро хуш қабул мекунад. Аз рафтори занаш шубҳа мекард. Не, Нигина ба роҳи бад надаромадааст,—худро сарзаниш мекард Давронбек.—Вале шубҳаи ман рӯз то рӯз на кам, балки бештар мешавад?!

Давронбеку Нигина чанд вақт аст, ки рӯзи хурсандиро намебинанд. Шавҳар бо мақсади паст гардондани оташи рашк худро ба машрубот зад. Менӯшид ва ба ин васила хаёлоташро аз гирдоби фикрҳои печ дар печ дур менамуд, вале намедонист, ки ҷисман пайкарашро заиф мегардонад. Сиҳатии худро коста менамояд. Чӣ кор кунад? Аламашро аз чӣ бигирад?! Бо Нигина зиндагӣ бикунад ё ҷавоб бидиҳад. Агар рафту ҷавоб диҳад, тақдири ду кӯдак чӣ мешавад? Вазъи худаш-чӣ. Одамон чӣ мегӯянд? Оё аз азобҳои руҳӣ халос мешуда бошад? Саволҳои бешумор сарашро гиҷ мекарданд. Бинобар ин хост аз модари худ маслиҳат бигирад. Бо ҳамин мақсад аз баъзе рафтору кирдори завҷааш ба модар шиква кард.

—Писарам, чаро ба гапи атрофиён гӯш меандозӣ. Охир, надидаву аниқ накарда, чаро ба завҷаат тӯҳмат мекунӣ?— норозиёна мегуфт модар.

Падару бародар, апаву хоҳарон ҳам ба ҳамин маънӣ худи Давронбекро гунаҳкор ҳисобиданд. Ва ҳатто ӯро ба чанд табибу эшон бурданд, «хононданд», «дам» андозонданд, ба қавле даво карданд.

Нигина дар фабрикаи дӯзандагӣ кор мекард. Занаки соҳибҷамол буд. Бо як табассуми ширин беихтиёр дили мардонро тасхир менамуд. Баланд механдид. Ончунон мегашт, ки ҳамкорон пай намебурданд. Бо мардакони шиносу нимшинос тавре муомила мекард, ки гумон мекунед, ин олиҳаи ҳусн ҳаргиз қадами беҷо намепартояд. Якду бор то баногӯши шаб дар ресторану қаҳвахона монд. Ба ин рафтор аз шавҳар тарсакиҳои обдор ҳам гирифт. Аммо бефоида.

Дирӯз Давронбек Нигина ва Комрону Оқиларо ба мошин савор кард. Ва чун одат модари бачаҳояшро ба фабрика овард. Мебоист Комрону Оқиларо ба боғча бурдаву сипас худ ба кор равад. Дар роҳ Комрон бо забони ширину ҳалими кӯдакона ба падараш муроҷиат кард:

—Дадаҷон, ба мо шакалад гирифта тед!?

—Писарам , ҳоло ба боғча дер мемонем, бегоҳӣ баъди кор ҳатман мебиёрам,—гуфт Давронбек.

—Не, не ана вай амаки Аҳрор ҳар рӯз ба мо шоколад гирифта метиянд. Дина ҳам чор шоколад оварданд. Имрӯз агар боғча намерафтем, боз даҳто меоварданд. Ману Оқила маза карда мехӯрдем,—гуфта якравӣ мекард ӯ.

Пайкари Давронбек ларзид. Ва дарҳол мошинро боздошт. Зуд аз дӯкони бари роҳ якчанд шоколад харида, ба Комрону Оқила дод. Гапҳои Комрон ба дили Давронбек ғулғула андохта буд. Аз идора ба ҷои кори завҷааш сим зад. Гӯшакро занаке бардошт. Баъди шиносоӣ ва пурсупоси самимӣ Давронбек аз завҷааш пурсон шуд.

—Нигина дар таътил аст. Ба назарам даҳ-понздаҳ рӯз аст, ки ба кор намебарояд...—ҷавоб дод ӯ.

Давронбек дигар давоми сухани ҳамкори завҷаашро шунидан нахост. Зуд бо мошин ба самти хона шитофт...

Занги дарро зер кард. Пас аз муддати начандон тӯлонӣ дарро завҷааш кушод. Нигина амсоли он ки чизеро гум карда бошад, даступо хӯрдаву барги бед барин ларзида ва ба рӯи шавҳар нигоҳ карда натавонист. Давронбек паси дар як лаҳза малӯл монд. Мадори сухангӯӣ надошт, зеро аз оинаи дари дарун марди миёнақади бараҳна намудор буд. Бо вуҷуди ин ба завҷааш ягон чиз нагуфт. Вай оҳиста-оҳиста аз зинапоя ба берун баромад. Ва дар як лаҳза насиҳати модар дар баногӯшаш садо доданд:

...« Охир надидаву аниқ накарда, чаро ба завҷаат тӯҳмат мекунӣ?».

Давронбек симои Комронҷону Оқиларо чун навор аз пеши назар гузаронда, ба сари рул нишаст...

**Ҳикмат СУЛТОНЗОДА.**

# Магар «Ханда» пароканда шуд?

Телевизиони Самарқанд СТВ бо номи «Ханда» сари ҳар чанд вақт бо барномаҳои рангини худ тариқи ҷаҳоннамо меҳмони хонадони мухлисон мешуду ба дилҳо завқ мебахшид. Чанд вақт аст, ки тамошобинон аз барномаи дӯстдоштаашон бенасиб мондаанд. Чаро «Ханда» намебарояд? Магар ӯ пароканда шуд? Имрӯзҳо ин ва дигар саволҳо алоқамандони барномаи мазҳакавии тоҷикӣ—«Ханда»-ро ба андеша водор месозад.

Барои ба саволҳои болоӣ ҷавоб ёфтан ба мудири шӯъбаи тоҷикии СТВ Шаҳло Аҳророва муроҷиат намудам: —Ба диққататон бояд расонам, ки ҳамаи ҳунарпешагони «Ханда» ба хориҷа рафтаанд. Замира Норова ҳамроҳи хоҳараш дар мамлакати Италия аст. Фурқат Ҳалимов дар Маскаву Мизробшоҳу Маъруфбекҳо низ дар хориҷаанд.

Мақсад аз сафар таъмини шароити маишии рӯзгор аст. Камина дар сӯҳбати модару фарзандони Замира будам. Аз кайфияти хушу болидаи онҳо пай бурдам, ки ҳаёти мусофирии Замираву хоҳараш хуш мегузарад. Ӯ бо воситаи телефон ба ҳамаи мухлисонаш саломи самимона ирсол намуда, ваъда кардааст, ки насиб бошад соли оянда бо барномаҳои сермазмун дили ҳаводоронашро шод хоҳад кард.

## Ҳамкорӣ

Ман низ чун як нафар алоқаманди санъати ҳунарпешагони «Ханда» бисёр мехостам, ки онҳо зудтар ба ватан баргашта, эҳтиёҷи маънавии санъатдӯстонро қонеъ намоянд...

Чандест, ки ҳафтаномаи «Парвина» бо барномаи ҳафтаномаи ширкати телевизионии ВИД «Жди меня» ҳамкорӣ мекунад. Бояд хотиррасон намуд, ки барномаи мазкур ба ҷустуҷӯ ва суроғи онҳое, ки ба ҳукми тақдир аз хешону пайвандон дур афтидаанд, машғул аст.

Аз рӯи шартномаи ҳамкорӣ ҳафтаномаи «Парвина» рӯйхати онҳое, ки аз ҳудуди Ҷумҳурияти мо суроғ карда мешавад, дар саҳифаҳои худ чоп мекунад.

Бино ба маълумотҳо ин ҳамкорӣ аллакай самараи худро додааст. Яъне «Парвина» дараки чанд нафар шахсони гумшударо ёфта, ба наздиконаш расондааст.

**О.ӮТКУР.**



❀ ❀ ❀

**Манзараҳои истиқлол.**

Намангон. Яке аз кӯчаҳои шаҳр.

Аксбардор: **Рӯзмат Ҷумъаниёзов (ЎзА).**

❀ ❀ ❀

# Тӯҳфа

Коллеҷи касбу ҳунари Қумкӯрғони вилояти Сурхондарё муассисаи нави таълимӣ буда, дар он 540 нафар таҳсил мекунанд. Ба қарибӣ бинои он аз тармими асосӣ баромада, 540 миллион сӯм сарф гардид. Яъне ба ҳар як муҳассил ба ҳисоби миёна 1 миллион сӯмӣ харҷ гардидааст ва он ғамхории навбатӣ ба авлоди наврас мебошад.

Корҳои тармимиро аҳли меҳнати Ҷамъияти саҳҳомии «Сариосиёсувқурилиш» ба иҷро расонданд. 1200 нафар коркуни он ҳар сол дар обектҳои масъулиятнок кор мекунанду соле тақрибан 2 миллион сӯмина корҳоро ба иҷро мерасонанд. Корро дар ду ва баъзан дар се баст ба роҳ мемонанд. Аз ҳамин сабаб обектҳо сари вақт ба истифода супурда мешавасаду миқдори мизоҷон пайваста меафзояд.

—Тамғаи моро мизоҷон хуб медонанд,—мегӯяд раиси ҷамъият Фахриддин Низомиддинов.—Зеро сифат дар фаъолияти мо ба мадди аввал гузошта шудааст. Нарҳҷотро мувофиқи меъёр мекунем, аз ҳамин сабаб арзиши аслии кор зиёд намегардад. Коркунон музди меҳнати худро сари вақт мегиранд.

—Коркунонамон моҳе ба ҳисоби миёна 30-35 ҳазор сӯм музд мегиранд,—сухани раисро қувват медиҳад муҳандиси калони шӯъбаи истеҳсолии ҷамоа Ҳайдарқул Абратқулов.—240 нафар коркунонамон бинои калонҳаҷми коллеҷи Қумқурғонро дар бадали панҷ моҳ аз даст баровароданд. Ва он тӯҳфаи муносиб ҳам ба муҳассилу омӯзгорони коллеҷ ва ҳам ба ёздаҳсолагии истиқлолияти ҷумҳурият гардид. Дар ин бобат саҳми Қамбар Ҷӯрақулов, Боқиҷон Аҳмадалиев, Муҳаммад Одинаев, Ибодулло Муродов, Шокир Расулов, Қудрат Абдураҳматов барин соҳибони касбу кори мухталиф калон аст.

Дигар ташкилотҳои бинокории вилоят низ ба ҷашни ёздаҳсолагии истиқлолияти Ўзбекистон бо тӯҳфаҳои хос тайёрӣ мебинанд.

**(ЎзА).**

# Зодрӯз муборак



### Падарҷони азиз Фидомамат!

*Дар ҳаққи падарони дилсӯзу азияткашида бисёр гуфтаанду мегӯянд. Шунидаему боз мешунавем, падари азиз. Акнун ки мо андак болиғ шуда, чашмамон кушода шуд, дар ин рӯзи саидатон суруди сарояндае ба гӯшамон гаҳу гоҳ дарояд, мо ба қадри меҳрубониҳои Шумо, ба қадри меҳнати Шумо бештар мерасидагӣ шудем. Аз он суруди гӯшнавоз як пораашро дар ин рӯзи муборак ҷашни панҷоҳсолагиатон зикр карданро салоҳ донистем, падарҷони гиромӣ.*

***Намак дар комҳо ширинтар аз шаҳду шакар гардад,***
***Ҷигарҳо хун шавад, то як писар мисли падар гардад.***
***Падар аз шавқи дил дар кӯдакӣ дасти писар гирад,***
***Ба умеде, ки дар пирӣ писар дасти падар гирад...***

*Падарҷон, Шумо ҳанӯз панҷоҳсолаед. Илоҳо ба синни пирӣ расед. Мо, фарзандон, ҷигарпораҳоятон то дами пириатон (илоҳо, сад сол умр бинед) ба шумо кӯмак мерасонем, қарзи фарзандиро адо мекунем. Аз ин ҷиҳат ғам нахӯред, дилатон ҷамъ бошад, падари меҳрубон. Ба бахти мо ҳамеша бардаму сиҳатманд бошеду ба синни пирӣ расед.*

**Дуокунандагони Шумо, фарзандонатон: Исмоил, Шаҳло, Фирӯз ва Фаридун, аз шаҳри Тошкент.**

# Бигӯед, ки самарқандиён чанд нусха «Овози тоҷик» мегиранд?

Пеш аз оне, ки ба идораи «Матбуот уюшмаси» занг зада ба саволи болоӣ ҷавоб гирам гумон карда будам, ки камаш 5- ҳазор нусха «Овози тоҷик»-ро самарқандиён мутолиа мекунанд.

—Ҳамагӣ 1-ҳазору 25 нусха рӯзномаи «Овози тоҷик» мегирем,—гуфт раиси «Матбуот уюшмаси»-и вилояти Самарқанд Заррина Тенерман—аз он танҳо 10 нусха ба фурӯш бароварда мешавад. Шумораи обуначиён бошад, 1 ҳазору 15 нафарро ташкил медиҳад. Ба фурӯш аз 10 нусха зиёд гирифта наметавонем, ба фурӯш намеравад. Ин 10 нусха ҳам дар ҷойҳо мизоҷони доимии худро дорад.

Ӯ боз илова намуд, ки сол то сол шумораи обуначиёни «Овози тоҷик» кам мешавад.Ҳамин ҷо як мулоҳиза ронданро лозим донистам. Матбуот мероси гаронбаҳоест, ки мо онро бе каму кост ба ояндаи нек расонем. Мабодо замоне ин байти шоир дар худ муносибати моро ба рӯзномаи «Овози тоҷик» муҷассам насозад:

**Ман аз бегонагон ҳаргиз нанолам,**
**Ки бо ман ҳар чӣ кард он ошно кард.**

**Ӯткур ОРТИҚОВ.**


Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир Эсон Турдиқулов.

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.

***Рӯзнома дар компутерхонаи идора чинда, саҳифабанд гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

***Рӯзнома дар Кумитаи давлатии матбуоти Ўзбекистон номнавис гардидааст. Тартиби номнависшуда № 16. Г - 743.***
Теъдоди чоп 3000.

Ҳисоби сурати мо дар бонк:
Ҳ/С 20212000800101767001,
МФО 00423. Шӯъбаи Меҳнати ЖСБ дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: **А. СУБҲОН.**
Мусаҳҳеҳон: ДОДОБОЕВА М.
ФАЁЗОВА Т.
Саҳифабанд: Х. Тухтаева.

Нишонии мо:
700047 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ 133 - 82 - 83;
шӯъбаи мактубҳо ва корҳои оммавӣ 136 - 57 - 28.
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ», нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.